**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ доктори илмҳои география, профессори факултети географияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Муртазоев Уктам Исматович ба рисолаи диссертатсионии Абдураҳимова Мавзуна Муҳсиновна дар мавзӯъи : "Хусисиятҳои геоэкологии ҷараёнҳои геодинамикӣ: оқибатҳо ва системаи ҳимоя (дар мисоли Тоҷикистони Шимолӣ)", барои дарёфти номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25. 00. 36 – геоэкология.**

Абдураҳимова Мавзуна Мӯҳсиновна соли 2012, бо дипломи аъло ихтисоси географияи факултети геоэкологияи Муассисаи таълимии давлатии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуровро хатм намудааст. Бад аз хатми донишгоҳ ӯро ба ҳайси омӯзгори кафедраи географияи табиӣ ба кор қабул намудааанд.

Дар вақти фаъолияти омӯзгорӣ ӯ худро ҳамчун мутахассиси болаёқат, меҳнатдӯст, ташаббускори ҷавон, эҷодкор (дар вақти гузаронидани дарсҳо) бо донишҷӯён нишон додааст. Дар рованди омӯзгорӣ ӯ худро орому ботамкин нишон додааст. Соли 2016 ба вазифаи сармуаллимаи кафедраи географияи табиӣ интихоб шудааст.

Абдураҳимова М. М. ҳамчун унвонҷӯи фаъол дар корҳои илмии фармоишии ВМ ва илми ҶТ барои солҳои 2011-2015 (0102 ТД 969 аз 13.04.2011) ва барои солҳои 2017-2021 (TJ 00843 аз 20.10.2017), ки дар иҷроиши он муаллиф ходими хурди илмӣ шуда кор кардааст, ҳамчун асос гирифта шудааст. Дар доираи тадкиқоти илмии худ матералҳои саҳрои ва маводҳои илмии зарурӣ оиди ҷараёнҳои геодинамикии Шимоли Тоҷикистон бо истифодаи методҳои амалкунанда, таҳлили пурра гузаронида аст. Маълумотҳои омухташудаи саҳрои барои баҳогузории мутақобилаи ҷараёнхои мураккаби табиӣ, табию-техногенӣ, ҷустуҷуи омилҳои инкишофи геодинамикӣ ва ба фаҳмидани идоракунии сарватҳои табиӣ роҳ кушодааст. Ин корҳои илмии гузаронидаи унвонҷӯ барои навиштани рисолаи номзади асос гардидааст.

Унвонҷӯ ба кадру қиммати илму дониш мерасад ва кор карданро дӯст медорад. Дар конфронсхои регионалӣ, Ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ ширкат варзида баромадҳои пурмазмун намудааст. Дар тӯли иҷрои кори диссертатсионӣ 20 маколаҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ дар самтҳои: харарҳои геодинамикӣ, ошкор кардани сабабҳои пайдоиши он, паҳншавӣ дар шимоли Тоҷикистон, пешгӯи ва баҳо додан ба офатхои табиӣ чоп кардааст. Ҳамаи маколаҳои илмии дарҷгардидаи унвонҷӯ мазмуни кори диссертатсиониро ифода мекунад. Аз рӯи ҳамаи ин нишондиҳандаҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки натиҷаҳои ба даст даровардаи унвонҷӯ кобили кабул ва таҳсин аст.

Ба мазмун ва таҳлили диссертатсия истода намегузарем (ин вазифаи оппонентон), факат гуфтани хастам, ки кори мазкур маводҳои бисёрсолаи унвонҷӯ буда дар намуди диссертатсия ҷамбаст карда шудааст

Ҳамаи ин далелхо имконият медиҳад, ки унвончӯ М. М. Абдураҳимова барои ҳимояи кӯшоди диссертатсионӣ тайёр аст, тавсия медиҳем.

Доктори илмҳои география, профессори кафедраи
географияи табиии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Муртазоев Уктам Исматович

Имзои профессор У.И. Муртазоевро тасдиқ мекунам:

Рохбари раесати кадрхо ва ва корхои махсус
Назаров Д.

Суроға: ш. Душанбе, хиёбони А. Рудаки,
121, ДДОТ ба номи С.Айнӣ